# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «01» 10 соли 2024 № 354/б ш. Душанбе

*Дар бораи баробарарзиш эътироф кардани дипломи дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 5 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои геологӣ (04 № 008089), ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Кабинети вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 25 апрели соли 2024, №14 ба Ғафуров Фарҳод Гиясович аз рӯйи ихтисоси 04.00.02 – Геология, ҷустуҷӯ ва иктишофи канданиҳои фоиданоки сахт. Металлогения ва геокимиё дода шудааст, эътироф карда шуда, бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои геологӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.11 – Геология, ҷустуҷӯ ва иктишофи канданиҳои фоиданоки сахт, минерагения дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарарзиш дониста шавад.
2. И.в.мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Сарватманди Қ.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории як адад дипломи намунаи давлатии баробарарзишии дараҷаи илмии доктори илм чораҳои зарурӣ андешад.
3. И.в мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулзода А.Б.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2024, №10

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ